# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «22» 09 соли 2025 № 349/бд ш. Душанбе

Дар бораи бозхонд намудани
парвандаи аттестатсионии Шомирзоева О.И.

Мутобиқи сархати чоруми банди 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 ва банди 15 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидаанд, ф а р м о и ш  м е д и ҳ а м:

1. Парвандаи аттестатсионии доктори фалсафа (PhD) Шомирзоева Омина оид ба эътироф ва баробарарзиш намудани сертификати дараҷаи илмии доктори ҳабилитат аз рӯйи ихтисоси Технология ва муҳандиси химиявӣ бо хоҳиши худаш аз баррасии Комиссия бозхонд карда шавад.
2. Дархости Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино аз 22.05.2025, №01/2039-2 дар бораи эътироф ва баробарарзиш намудани сертификати дараҷаи илмии доктори ҳабилитат рад карда шавад.
3. Раёсати Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино уҳдадор карда мешавад, ки пешниҳоди такрории парвандаи аттестатсионии Шомирзоева Оминаро барои эътироф ва баробарарзишӣ тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монад.
4. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Аҳлиддин Гулзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоиши мазкурро ба Донишгоҳи номбурда дастрас ва дар сомонаи Комиссия ҷойгир намояд.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи мудири шуъбаи коргузорӣ ва назорат (Бахтиёр Шарифзода) вогузор карда шавад.

Асос: аризаи О.И. Шомирзоева аз 22.09.2025, №03-04/158 ва хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ аз 11.09.2025.

Муовини раис Шарифзода М. М.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ